МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 1224/2с
аз «19» 09 соли 2022

Вазорати рушди
иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №546” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар лоиҳа ӯҳдадориҳо барои муаллифон, ихтироъкорон ва соҳибкорон дар гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ ва амалӣ намудани расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ ифода меёбанд.

3. Маҳдудиятҳо барои субъектҳои болозикр дар лоиҳаи мазкур пешбинӣ нагардидааст.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ масрафҳои иловагӣ мушоҳида мегарданд. Масъалан, дар маълумотномаи асосноккунии лоиҳа қайд шудааст, ки андозаи пардохтҳои ҳатмӣ ва корбарӣ тақрибан 12 фоиз коҳиш дода шудааст, вале таҳлилҳо нишон додаанд, ки пардохтҳои мазкур зиёд буда, аммо асоси зиёд гардидани пардохтҳо зикр нагардидааст.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок мебошад.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

- хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дар матни тоҷикӣ ва русии лоиҳа бартараф карда шаванд;
- дар сархати сеюм ва чоруми банди 1 матни русии лоиҳа калимаҳои “в строке” ба калимаҳои “строку” иваз карда шаванд;
- дар сархати панҷуми банди 1 матни русии лоиҳа калимаи “словоми” ба калимаи “словами” иваз карда шуда, калимаҳои “первый абзац” ба калимаҳои “первым абзацем” иваз карда шаванд;
- дар сархати шашуми банди 1 матни русии лоиҳа калимаи “строках” ба калимаи “строки” иваз карда шуда, калимаҳои “первые пять лет”, “вторые пять лет”, “третьи пять лет” ба калимаҳои “первый пятилетний срок”, “второй пятилетний срок”, “третий пятилетний срок” мутаносибан иваз карда шаванд.

Директор Саидзода И.Ҳ.